**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 16.05.2024, №72

Барои сазовор донистани Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи "Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 22/шд) аз 25-уми январи соли 2024, №59 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна 19-уми апрели 1971 дар ноҳияи Регари (ҳозира ш. Турсунзода) Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 1989 ба факултети филологияи руси Донишкадаи забон ва адабиёти руси Тоҷикистон ба номи А.С. Пушкин (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) дохил шуда, онро соли 1995 бо ихтисоси "Муаллими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои миллӣ ва забони тоҷикӣ дар мактабҳои ғайримиллӣ" хатм намудааст. Ӯ аз солҳои 2014 то 2015 ба ҳайси муовини декан оид ба илми факултети филологияи руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, аз соли 2015 то 2016 котиби шурои илмӣ-методӣ, аз соли 2016 то 2018 мудири кафедраи забон ва адабиёти рус, соли 2018 мудири кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавӣ, аз соли 2018 то инҷониб дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва журналистикаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба фаъолият машғул аст.

28-уми декабри соли 2013 рисолаи номзадиашро дар мавзуи "Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ" бо роҳбарии профессор Исмоилов Шамсулло аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳои) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) дифоъ намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро гардидааст.

**Муқарризони расмӣ**: **Офаридаев Назрӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии МДТ Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, сарходими илмии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; **Низомова Сановбар Фахриевна**– доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино; **Шафоатов Азал Нусратович** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ Шокириён Туғрал Сироҷзода, мудири кафедраи забони тоҷикӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Олимҷонов Мусо Обидҷонович, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ Ҳасанзода Абдуҷамоли Ашраф, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Қурғанов Зоҳид Деҳканович имзо гардида, бо имзою мухри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода А.И. тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи “Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор” ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Муҳтавои асосии диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ дар 1 монография, 33 мақолаи илмӣ, ки 25-тояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, инъикос ёфтааст.

Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### 1. Монография:

[1-М] Абдуллоева, Г.З. Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор. Монография [Матн] / Г.З. Абдуллоева. – Душанбе: «ЭР-граф», 2023. – 396 с.

### 2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[2-М]. Абдуллоева, Г.З. Мавҷудияти унсурҳое, ки аз адабиёти классикӣ дар лаҳҷаи Қаратоғ ба мерос мондаанд [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 4. – С. 73-77.

[3-М]. Абдуллоева, Г.З. Влияние Шёлкового пути в развитии и становлении лексики швейного дела Гиссарской долины [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2018. – № 6. – С. 64-68.

[4-М]. Абдуллоева, Г.З. Лексика ткацкого дела Гиссарской долины и её эквиваленты в русском современном русском языке [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2018. – № 7. – С. 71-74.

[5-М]. Абдуллоева, Г.З. Луғати анъанавии соҳаи зироаткорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 5. – С. 90-94.

[6-М]. Абдуллоева, Г.З. Истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ дар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ (дар ҳаммуаллифӣ) [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 6. – С. 84-88.

[7-М]. Абдуллоева, Г.З. Мавқеи истилоҳоти чорводорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор (дар ҳаммуаллифӣ) [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 8. – С. 96-99.

[8-М]. Абдуллоева, Г.З. Этнолингвистические аспекы лексики гончарной отрасли в говорах Гисарской долины [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Вестник института языков. Серия филологических, педагогогических, исторических наук. – Душанбе, 2020. – № 3 (39). – С. 18-24.

[9-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии луғати соҳаи боғдорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 4 – С. 32-37.

[10-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии диалектизмҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 31-38.

[11-М]. Абдуллоева, Г.З. Хусусиятҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти соҳаи қаннодӣ [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 3. – С. 30-34.

[12-М]. Абдуллоева, Г.З. Мавқеи калимаҳои куҳнашудаи ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе, 2021. – № 3. – С. 109-116.

[13-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии номвожаҳои ҷуғрофии ба соҳаи ҳунармандӣ алоқамандбуда дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 4. – С. 10-17.

[14-М]. Абдуллоева, Г.З. Луғати соҳаи моҳидорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 4. – С. 96-100.

[15-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии рубоиёти наврӯзӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 5. – С.18-24.

[16-М]. Абдуллоева, Г.З. Нақши этнолингвистика дар забоншиносии муосир [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих. – Душанбе, 2021. – № 4 (49). – С. 70-76.

[17-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои тиббӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 5. – С. 115-123.

[18-М]. Абдуллоева, Г.З. Корбурди калимаҳои сермаъно дар луғоти ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 6. – С. 11-20.

[19-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии истилоҳоти ифодакунандаи номи бозиҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 6. – С. 100-107.

[20-М]. Абдуллоева, Г.З. Назаре ба калимаву истилоҳоти соҳаи занбӯрпарварӣ аз нигоҳи этнолингвистӣ [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 39-43.

[21-М]. Абдуллоева, Г.З. Андешае чанд перомуни омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – № 4. – С. 22-30.

[22-М]. Абдуллоева, Г.З. Роҳҳои ташаккул ва ҳимояи забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳои дар ҳудуди Тоҷикистон арзи вуҷуддошта [Матн] / Г.З. Абдуллоева //

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 7. – С. 60-66.

[23-М]. Абдуллоева, Г.З. Региолект ва муносибати он бо лаҳҷаву шева ва гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 3. – С. 52-59.

[24-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии луғоти соҳаи сохтмон дар лаҳаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 4. – С. 73-78.

[25-М]. Абдуллоева, Г.З. Мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 6. – С. 24-31.

[26-М]. Абдуллоева, Г.З. Назаре ба калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 7. – С. 51- 57.

**3. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[27-М]. Абдуллоева, Г.З. Термины и слова кузнечного дела в говорах Гиссарской долины их эквиваленты в русском языке [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Сборник материалов международной научно- практической конференции «Русский и иностранные языки: перспективы, исследования и преподавание в вузах Таджикистана». Национальный исследовательский университет «МЭИ» Филиал в г. Душанбе (Республика Таджикистан) (22.01.2020). – Душанбе, 2020. – С. 370-376.

[28-М]. Абдуллоева, Г.З. Мавқеи калимаҳои иқтибосии узбекии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Узбекистон: ҳолат ва дурнамо». Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистони ба номи Сотим Улуғзода (30.10.2021). – Душанбе, 2021. – С. 63-68.

[29-М]. Абдуллоева, Г.З. Робитаи забон ва фарҳанг [Матн] (дар ҳаммуаллифӣ) / Г.З. Абдуллоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ тахти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот». Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистони ба номи Сотим Улуғзода (11.04. 2022). – Душанбе, 2022. – С. 67-72.

[30-М]. Абдуллоева, Г.З. Региолект и его соотношение с региональными диалектами [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы языкознания и литературоведения в современном времени». Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода (23.12.2022) – Душанбе, 2022. – С. 504-508.

[31-М]. Абдуллоева, Г.З. Анализ лексики, обозначающей женских украшения в говорах Гиссарской долины (Этнолингвистический анализ) [Текст] / Г.З. Абдуллоева // Сборник материалов международной научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава высших учебных заведений «Россия – Узбекистан – Таджикистан. Формирование инновационности проектирования социально-культурных процессов: от идеи до реализации». Челябинский государственный институт культуры, Бухарский государственный унверситет, Государственный институт искусств и культуры Узбекистана, Таджикский государственный институт культуры и искусства имени Мирзо Турсунзода, Самаркандский государственный институт иностранных языков, Таджикская национальная консерватория имени Талабшо Сатторова, Государственный университет языков имени Сотима Улугзода, Государственная академия хореографиии Узбекистана (25.11. 2022). – Челябинск – Бухара, 2022. – С. 360-369.

[32-М]. Абдуллоева, Г.З. Фольклор Гиссарской долины и его связь с этнолингвистикой [Текст] / Г.З. Абдуллоева. // Сборник материалов международной научно-теоретической конференции молодых учёных высших учебных заведений «Таджикистан – Россия и Узбекистан. «Сохранение и укрепление традиционных духовно-нравственных ценностей общества: стратегическое планирование в сфере духовной культуры» Государственный университет языков имени Сотима Улугзода, Челябинский государственный институт культуры, Государственный институт искусств и культуры Узбекистана, Таджикский государственный институт культуры и искусства имени Мирзо Турсунзода, Государственная академия хореографиии Узбекистана, филиал Государственного (25.02. 2023). – Узбекистан– Душанбе, 2022. – С. 132-138.

[33-М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии луғоти соҳаи кафшдӯзӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон, донишҷӯёни Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тахти унвони «Нақши фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар рушди босуботи ҷомеа». Ба ифтихори Рӯзи илми тоҷик (17.04.2023). – Душанбе, 2023. – С. 5-7.

[34-М]. Абдуллоева, Г.З. Хусусиятҳои этнолингвистии луғоти соҳаи кашидадӯзӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Забони русӣ дар фазои муосири дузабона» Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (14-15.05.2023). – Душанбе, 2023. – С. 129-133.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи Юсупова Зарина** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири

Хусрав мусбат буда, дар баробари қайди дастовардҳо дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

- хуб мешуд, агар муҳаққиқ ҳангоми тарҷумаи вожаҳо дар қисмати русии автореферат ба хусусиятҳои миллии онҳо диққат дода, онҳоро ҳамчун реалияҳо муаррифӣ менамуд. Масалан, тарҷумаи номи маросимҳо аз қабили ҷомаи қурбоқағундорӣ, аноргӯркунӣ, хирманкӯбон ва ғайра.

- дар фишурдаи диссертатсия ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

**2. Тақризи** ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои филологӣ, профессор **Мухторов Зайнидин Мухторович** мусбат буда, ҳамзамон барои беҳбудии таҳқиқоти ояндаи муаллиф чунин эродҳоро пешниҳод менамояд:

- гарчанде дар номи рисола “лексикаи соҳаи маишӣ” “лексика бытовой сферы” тарҷума шуда бошад ҳам, аммо дар саҳифаи 37-уми фишурдаи рисола дар баррасии вожаҳои аслии тоҷикӣ муҳаққиқ “соҳаи маишӣ”-ро “сфера домашнего хозяйства” тарҷума намудааст, ки ин чандон дуруст нест.

- дар саҳифаҳои 4, 8, 37-и фишурдаи диссертатсия ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

**3. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **Кабиров Хуршед Шаҳбозович** мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- ҳарчанд матни русии фишурдаи диссертатсия бо матни тоҷикиаш пурра мувофиқат намояд ҳам, аммо матни русии фишурда каме таҳрирталаб буда, дар он қоидаҳои дастурӣ ва имлоӣ баъзан сарфи назар шудаанд.

- дар фишурдаи диссертатсия ҳангоми истифодаи истилоҳоти забоншиносӣ якрангӣ ба назар намерасад.

- дар баъзе саҳифаҳои фишурда ғалатҳои техникиву имлоӣ дида мешаванд.

**4. Дар тақризи** доктори илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи муосири русии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон **Султанова Рафоат Мирзоевна** қайд шудааст, ки омӯзиши калимаву истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он айни замон яке аз масъалаҳои муҳимму мубрам арзёбӣ мегардад. Муқарриз барои беҳбудии таҳқиқоти минбаъда чунин эродҳоро пешниҳод кардааст:

- хуб мешуд, агар диссертант дар боби аввал, ки боби назариявӣ маҳсуб меёбад, аз овардани мисолҳо худдорӣ менамуд.

- дар автореферати кор дар саҳифаҳои 3,9,16,20 ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

**5. Тақризи** доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забоншиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона **Ҳакимов Муҳаммад Хонхӯҷаевич** мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- хуб мешуд, агар муҳаққиқ ҳангоми тарҷумаи вожаҳо дар қисмати русии автореферат ба хусусиятҳои миллии онҳо диққат дода, онҳоро ҳамчун реалияҳо

муаррифӣ намуда, дар қавсайн тарҷумаи онҳоро меовард. Масалан, тарҷумаи вожаҳои туқумдӯз, юрмадӯз, қайлапаз, буламоқпаз, қуймапаз, қаламапаз (саҳ. 39) аз мадди назари муҳаққиқ дур мондааст.

- дар фишурдаи диссертатсия ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- дар асоси хулосагирӣ аз андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир **муайян карда шудааст;**
- дар асоси фикру андеша ва назари муҳаққиқон робитаи забон бо фарҳанг аз нигоҳи этнолигвистика **нишон дода шудааст;**
- омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ **сурат гирифтааст;**
- фарқияти региолектҳо аз диалектҳо **нишон дода шудааст;**
- региолект ва муносибати он бо лаҳҷаҳои минтақавӣ **бозгӯ шудааст;**
- муносибати лаҳҷаҳо ва региолектҳои водии Ҳисор бо забонҳои гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор **баррасӣ гардидааст;**
- истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба гурӯҳҳо ва қабатҳо ҷудо карда шуда, ба низом дароварда шуда, хусусиятҳои этнолингвистии онҳо **нишон дода шудааст;**
- вожаву истилоҳоти соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор тақсимбандӣ карда шуда, ба низом дароварда шуда, хусусиятҳои этнолингвистии онҳо **муайян карда шудааст;**
- мавқеи калимаҳои аслии тоҷикӣ дар низоми вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор **муайян карда шудааст;**
- мавқеи калимаҳои иқтибосии арабии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии мазкур **нишон дода шудааст**;
- вожаҳои иқтибосии туркӣ-муғулии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, мавқеи онҳо дар гӯйишҳои мардумони водии Хисор **муайян карда шудааст;**
- омилҳои воридшавии вожаҳои русӣ-аврупоии соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии мазкур нишон дода шуда, мавқеи онҳо дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор **муайян карда шудаанд;**
- фарқи вожаҳои таърихӣ ва куҳнашудаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ нишон дода шуда, омилҳои асосии ба вожаҳои таърихӣ ва кӯҳнашуда мубаддал гаштани онҳо **бозгӯ шудаанд.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар таҳқиқи мазкур фароҳамомада ва хулосаҳои он барои аз нав эҳёи шудани як қатор ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, ки бо сабабҳои ҷаҳонишавӣ, яъне таъсири дигар забонҳову фарҳангҳо ва муҳоҷират аз байн рафтаанд, замина гузошта метавонад. Инчунин, дар забоншиносии тоҷик барои муайян намудани хусусиятҳои хоси вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор аз нуқтаи назари этнолингвистӣ кумак

расонида метавонад, тавассути он барои рушди илмҳои забоншиносӣ, лаҳҷашиносӣ, этнолингвистика ва назарияи забон заминаи мусоид фароҳам меояд. Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ аз нуқтаи илмии пешниҳодгардида барои пажуҳишу ҷустуҷӯҳои илмӣ ба муҳаққиқони забоншинос ва унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ мусоидат намуда метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқоти илмӣ ва таълифоти донишмандони хориҷӣ, аз қабили А. Семёнов, И. Зарубин, М. Андреев, Л. Успенская, А. Хромов, А. Розенфелд, Н. Ершов, В. Расторгуева, А. Герд ва олимони ватанӣ М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Д. Ҳомидов, О. Маҳмадҷонов, О. Қосимов, Н. Гадоев, С. Ҳалимова, З. Назарова, С. Назарзода, Д. Хоҷаев, Ш. Исмоилов, М. Бобомуродова, С. Раҳматуллозода, С. Матробиён, Р. Сангинова, Ж. Гулназарзода ва дигарон мавриди истифода қарор дода шудаанд. Инчунин, дар таълифи диссертатсия аз асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» (ҷилдҳои 1-6); «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» (китобҳои 1-3); «Забони миллат–ҳастии миллат» (китобҳои 1-2) истифода бурда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқ дар пажуҳиши вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, гурӯҳбандии онҳо аз ҷиҳати маъно, омӯзиши хусусиятҳои забонии онҳо арзиши муҳим дошта, дастоварди илмии мазкурро дар навиштани мақолаҳо ва таълифи китобҳои дарсӣ доир ба этнолингвистика, лаҳҷашиносӣ, истилоҳшиносӣ ва курсҳои махсус метавон мавриди истифода қарор дод. Инчунин, барои мураттаб намудани фарҳангҳои соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ маводи диссертатсия замина гузошта метавонад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқоти илмӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шуда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз маълумоти мукаммали илмӣ, мувофиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдод ва ҳаҷми интишорот, интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ пешниҳод гардида, онҳо аз натиҷаҳои фаслу бобҳо ва ҷанбаҳои назарии кори илмӣ сурат гирифтааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки бевосита дар дуконҳои ҳунармандии водии Ҳисор, саҳроҳои кишоварзон ва амсоли он, инчунин, дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ ҷанбаҳои асосии мавзуъро ҳаматарафа мавриди омӯзиши қарор додааст. Дар заминаи омӯзиш бори нахуст таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маиширо мустақилона ба роҳ монда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ин гурӯҳи калимаҳоро аз забони адабии тоҷикӣ муайян кардааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 16-уми майи соли 2024 дар бораи сазовор донистани

Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 13 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, № 122/шд), аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева М.М.

16.05.2024.